Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-16-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон .
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: rectortau31 @ mail.ru)

Тақриз

Ба автореферати диссертатсияи Абдуалимов Баҳром Абдулазимович дар мавзӯи "Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи чарогоҳҳо дар заминаи принсипҳои заминистифодабарии устувор", ки дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар радифи мушкилоти мушаххаси дар роҳи таъмини рушди комлекси агросаноатии мамлакат ва амнияти озуқавори боқӣ мондани вобастагии назарраси иқтисодиёти кишвар аз воридоти маҳсулоти озуқа,таҳдидҳои назаррас барои рушди КАС дар робита бо тағйирёбиҳои глобалии иқлим дар ояндаи дарозмӯҳлат таъкид шудааст. Дар самти ҳалли ин муаммоҳо ташкили истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ва идоракунии он дар доираи нигоҳ доштани мувозинати экологӣ ва гузариш ба муносибати заминистифодабарии устувор нақши муҳим дорад. Коркард ва татбиқи татбиқи маҷмуи тадбирҳо дар самти ташкилу идоракунии чарогоҳҳо, на танҳо ба рушди самаранокии чорводории чарогоҳиро мусоидат менамояд, балки ҳамчун инструменти муҳим дар ташкили замин истифодабарии устувори кишоварзӣ хидмат менамояд. Аз ин ҷост, ки мавзӯъи татқиқот тақозои талаботи замон мебошад.

Муаллиф барои ташкили заминистифодабарии устувор ва чарогоҳҳо ба асосҳои табиию иқтисодии заминсозӣ таваҷӯҳи ҷиддӣ додааст. Дар ин ҷода ҷуръат намудааст, ки заминаҳои назариявӣ ва косептуалии заминсозиро дар минтақаҳои чорводории чарогоҳии мамдлакат асоснок намояд. Дар асоси асарҳои илмии олимони ватанӣ ба тавсиву таснифи мӯҳтавои "ташкили истифодаи зимин", принсипҳои ташкили он таваҷҷуҳ дода шуда ба тартиби ҷойгиршавии чарогоҳҳои мавсимӣ (тобистона, зимистона, тирамоҳӣ ва баҳорӣ) дар худи ҷумҳурӣ дар минтақаҳои мухталиф нишон дода шудааст. Муаллиф дар мавриди асосноккунии масаълаҳои методологии арзёбии ҳолати истифодаи самараноки чарогоҳҳо ба муқарароти Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки принсипҳои истифодабарии заминҳои кишоварзӣ муайян карда шудааст, такия намудааст.Унвонҷӯй пеш аз ҳама ба истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ва чарогоҳҳои вилояти Хатлон таваҷҷуҳи ҷиддӣ додааст. Зеро, дар ин минтақаи калони мамлакат иқтидори хеле бузурги иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва чарогоҳ қарор дорад: зиёда аз 2/3 ҳиссаи тамоми заминҳои онро заминҳои кишоварзӣ ташкил медиҳад, ин нишондиҳанда дар ҷумҳурӣ 1/3 ҳиссаи масоҳатро ишғол менамояд. "Дар вилояти Хатлон беш аз 31,8 фоизи чарогоҳи мамлакат мавриди истифода

қарор мегирад, ки ин нишондиҳанда баландатарин дар миёни дигар минтақаҳои мамлакат мебошад” (с.20)

Муаллиф барои ташкили идоракунӣ ва банақшагирии стратегӣ тамсила-алгоритм бунёди чарогоҳҳои ободон ва ё “сабзро” пешниҳод намудааст. Вай афзудааст, ки “татбиқ намудани алогоритм-тамсилаи бунёди чарогоҳҳои «сабз», ки ландшафти солиму экологиро дар минтақа ба вуҷуд меорад, мукаммалгардонии ҳамгироии механизми иқтисодиву экологиии истифодабари замин, чарогоҳҳоро тақозо менамояд. Пешаз ҳама таҳия ва татбиқи сармоягузориҳои «сабз»-ро талаб менамояд” (с.31) Вобаста ба ин таъкид намудааст, барои арзёбии самаранокии иқтисодии чарогоҳҳои сабз нишондиҳандаҳоро номбар намудааст. Аммо бо истифода аз ин нишондиҳандаҳо ҳисоби муаллифии дараҷаи самранокии иқтисодии чарогоҳҳои сабз дар автореферат ба назар намерасад.

Новобаста аз ин эрод сатҳи баланди назариявию амалии диссертатсия ба чашм мерасад. Автореферати диссертатсияи Абдуалимов Баҳром Абдулазимович нишон медиҳад, ки кори диссертатсионии вай дар мавзӯи “Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи чарогоҳҳо дар заминаи принсипҳои заминистифодабарии устувор” таҳқиқоти ба анҷомрасида мебошад ва дорои арзишҳои баланди назариявию амалӣ, иҷтимоиву экологӣ мебошад. Вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтанд. Муаллифро барои сазовор шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, метавон дастгирӣ менамоем.

Нишонаи донишгоҳ: 734061, ш. Душанбе кӯчаи Деҳоти 1/2 тел.: +992(37)234-83-46, Fax+992(372)34-85-46, E-mail: tguk@mail.ru

д.и.и., профессори кафедраи
фаъолияти гумрукии ДДТТ Нидоев Н.Ф.

Имзои д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии ДДТТ Нидоев Н.Ф. тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

26.09.2026